# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Самадова Дилбар Ҳасановна ба диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) пешниҳод шудааст.

Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин соли 2012 факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси рузноманигор-омӯзгор хатм кардааст. Аз соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси нозири маркази бақайдгирӣ ва машварати донишгоҳи мазкур фаъолият дорад.

Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин ҳамчун муҳаққиқи ҷавон, масъулиятшинос ва бомаърифат дар ҷараёни таҳияи рисолаи илмӣ қобилияти баланди таҳқиқотӣ ва маҳорати илмӣ нишон дод. Қобили зикр аст, ки ӯ кори таҳқиқотии худро аз солҳои аввали фаъолияти илмиаш дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума дар заминаи хондани маърӯзаҳои илмӣ ва ширкат дар маҳфилҳои илмӣ шуруъ намуда буд ва ҳамаи ин баъдан заминаи тадқиқоти диссертатсиониашро ташкил доданд.

**Кори диссертатсионии Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин** ба яке аз масъалаҳои муҳимми журналистикаи тоҷик – ҷойгоҳи ҳаҷв дар матбуоти тоҷик ва нақши рубрикаву саҳифаҳои ҳаҷвӣ дар ислоҳи камбудиҳои ҷомеа бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия** ба он вобаста аст, ки муаллифи рисола дар илми журналистикаи тоҷик бори аввал ба таҳқиқи ҳаҷв дар як нашрияи муҳимму таъсиргузори минтақавӣ – «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд») сару кор гирифта, махсусан гӯшаи ҳаҷвии он – «Анбӯр»-ро аз нуқтаи назари таърихи пайдоиш ва рушд, махсусияти шакли пешниҳоди матлаб ва таъсири он ба афкори омма пажуҳиш намудааст. Дар ҳама давру замон рушду таҳаввули жанрҳои ҳаҷвӣ-публитсистӣ ба матбуоти миллӣ вобаста буд, ки ин нукта дар

диссертатсия бо далелҳои эътимоднок ва масъалагузориҳои дақиқ нишон дода шудааст. Ба чунин шакл масъалагузорӣ намудан дар худ аҳаммият ва арзишмандиро фаро гирифта, барои омӯзишу таҳлили баъзе масъалаҳои раванди таҳқиқи илмӣ ва амалии рӯзноманигорӣ мусоидат карда метавонад. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои пажуҳиши Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин ҳамчунин барои шинохти ҳадаф ва вазифаҳои ҳаҷв дар ВАО мусоидат мекунад.

Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин зимни иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани тадқиқот ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як тадқиқотгари мулоҳизакор буда, дар оянда метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм кунад, баррасӣ ва таҳлил намояд ва методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқот муайян созад.

**Саҳми шахсии довталаби** дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақилона ифода шудани нуктаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо собит менамоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷму мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст. Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор низоми муайяни илмӣ дошта, бобу фаслҳо зина ба зина мавзуъро фаро гирифта аз нигоҳи мазмун ва мантиқ ба якдигар алоқамандӣ доранд.

Дар боби якуми диссертатсия «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» доир ба замина ва омилҳои пайдоиши публитсистикаи ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик, хоса дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» маълумот дода шудааст. Диссертант аз зуҳури публитсистикаи ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик ёдовар шуда, чанд намунаи матолиби ҳаҷвиро, ки дар аввалин рӯзномаҳои тоҷикӣ нашр гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин муаллиф сайъ намудааст, ки омилҳои зуҳур ва пайдоиши публитсистикаи ҳаҷвиро, хоса дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» мавриди омӯзиш қарор бидиҳад.

Боби дуюми рисолаи номзадӣ «Гӯшаи «Анбӯр» ва мундариҷаи он» унвон дошта, он низ дорои ду фасли алоҳида мебошад. Дар ин боб

муаллиф нахуст аз заминаҳои пайдоиши гӯшаи «Анбӯр» дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» ёдовар шуда, ҳамзамон саҳми он дар рушди публитсистикаи ҳаҷвиро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Дар ин қисми рисола таҳлили мундариҷавии матолиби гушаи «Анбӯр» сурат гирифта, диссертант матолиби ҳаҷвиро вобаста ба мавзуъ тақсимбандӣ ва таҳлилу баррасӣ намудааст.

Дар боби сеюм ки «Таносуби жанрии маводди гӯшаи «Анбӯр»» унвон дорад, диссертант аз нозукиҳои жанрҳои публитсистии ҳаҷвӣ ёдовар шуда, ҳамчунин саҳми онҳоро дар таҷассуми иллату дардҳои ҷомеа ва маҳкум намудани амалҳои номатлуб мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рисола дар ин боб зиёд ба назар мерасад, зеро муаллиф бо баёни вежагиҳои жанрҳои ҳаҷвии публитсистӣ ҳамзамон намунаеро аз гӯшаи «Анбӯр» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин дар ин боби рисола таносуби воқеият ва тахайюл дар ҳаҷвияҳои адабӣ-публитсистии нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант ба хотири исботи фикри хеш аз намунаҳои зиёди гӯшаи «Анбӯр» истифода намудааст, ки ҷанбаи илмӣ ва амаллии рисоларо пурбор намудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертант ба мақсаду ҳадафҳои дар назди худ гузошта расидааст ва рисола ҷавобгӯи талаботҳои таҳияи рисолаи илмӣ мебошад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва таҳлилҳои муҳаққиқ Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар доираи рисолаи илмиаш зери унвони «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» дар **8 мақолаи илмии** нашршудаи ӯ, аз ҷумла **3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** инъикос ёфтаанд. Муҳаққиқ дар конфронсҳои илмию амалӣ ва назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров дар доираи мавзуи илмию таҳқиқотиаш маъруза намудааст.

**Муҳтавои диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин** бо номи мавзуъ ва соҳаҳои таҳқиқоти шиносномаи ихтисоси илмии 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) мувофиқат менамояд.

Дар маҷмуъ, муҳақиқ Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидинро дар самти интихобкардаи худ метавон ҳамчун мутахассиси лаёқатманди илмӣ ном бурд, ки аз ӯҳдаи ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташуда мустақилона баромада метавонад.

**Хулоса,** таҳқиқи диссертатсионии Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи журналистика ва назарияи
тарҷумаи факултети филологияи тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Самадова Д. Ҳ.

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили
Сомонӣ, бинои 56, ҳуҷраи 10.
Телефон: (+992) 92-777-34-27.
E-mail: d-samadova@mail.ru

Имзои Самадова Дилбар Ҳасановнаро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З. С.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Телефон: (+992-3422) 6-52-73; факс: (+992-3422) 6-75-18.
E-mail: rector@hgu.tj
«20» ноябри соли 2025.